*Ба Шурои дисертатсионии 6D.КОА-012 назди*
*Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон*
*( 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевич дар мавзӯи «Таъмини кадрии рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди бозорӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат пешниҳод шудааст.**

Савдои чакана муҳимтарин соҳаи аз ҷиҳати иҷтимоии мамлакат ва соҳаи фаъолияти соҳибкории корхонаҳо ва субъектҳои соҳибкорӣ мебошад, ки бо харидор — истеъмолкунандаи ниҳоии мол ва хизматрасонӣ, ки ба истеъмолкунанда табдил ёфтааст, бевосита алокаманд аст. Тавре маълум аст, шабакаҳои савдо, роҳи таърихии ташаккули худро ҳамчун бозингарони пешбари бозори чакана тай намуда, қобили зисти худро, аз ҷумла дар шароити бӯҳрони корхона ва ноустувории муҳити беруна бо дигаргуниҳои сиёсӣ, институтсионалӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва технологӣ, ки бо он алоқаманд аст, собит кардаанд. Муҳимияти мавзӯъ аз нуқтаи назари назария дар таҳияи нокифояи асосҳои назариявӣ ва методологӣ ва механизмҳои татбиқи ташаккули системаи таъмини кадрии савдои чакана дар шароити иқтисоди бозорӣ мебошад. Дар шароити муосири рушди ҷомеа ва иқтисоди миллӣ ва рақобат дар бозори истеъмолӣ ба даст овардани нишондиҳандаҳои баланди фурӯш танҳо аз ҳисоби автоматикунонии равандҳои савдою технологӣ ва татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ғайриимкон аст.

Аз ин рӯ, диссертатсияи Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевич, ки ба таҳқиқи масъалаи мубрами таъмини кадрии савдои чакана бахшида шудааст, муҳимият ва сариваќти будани мавзӯи интихобшударо нишон медиҳад. Дар ҷараёни гузаронидани таҳқиқот муаллиф тавонистааст, ки мавзӯи мазкурро бо тамоми паҳлӯю нозукиҳои таркибиаш бо нишон додани хусусиятҳо, мушкили ва муамоҳои мавҷуда, ҳаматарафа ва дар сатҳи баландӣ илмӣ-назариявӣ, методӣ ва амалӣ омӯхта хулосаю пешниҳодҳои худро асоснок намояд.

Эътиборнокӣ ва навгониҳои илмии диссертатсия дар таҳияи муқарраротӣ назариявӣ, методӣ ва консептуалӣ, тавсияҳои амалӣ оид ба таъмини кадрии савдои чакана дар шароити иқтисодиёти бозорӣ асос ёфтааст. Зимни гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф аз тарзу усулҳои гуногун ба монандӣ: муқоисавӣ, нишондиҳандаҳои мутлақ ва нисбӣ, индексӣ, оморӣ-иқтисодӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, алоқамандии миқдорию сифатӣ,

назарсанҷӣ, имкониятҳои интернет ва компютерӣ ва ғайра ба тариқи фаровон ва зарурати воқеӣ мавриди истифода қарор гирифтанд истифода намудааст.

Дар баробари ин, дар диссертатсия тавсияҳо оид ба такмили низоми тайёркунӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои савдои чакана дар асоси рушди салоҳиятҳои рақамӣ пешниҳод шудаанд. Ба андешаи муаллиф, ки дар ҷумҳурӣ зарурати воқеии ташаккули низоми тайёркунӣ ва такмили ихтисоси кормандони соҳаи савдо, бахусус зернизоми чаканаи он ба миён омадааст. Бо ин мақсад дар диссертатсия амалӣ намудани самтҳои асосии он пешниҳод ва асоснок карда шудаанд.

Сохтори автореферат ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ мебошад ва бо хулосаҳои илмии муаллиф ҷамъбаст гардидааст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Дар қисмати назариявии автореферат мазмун, хусусиятҳо ва асосҳои институтсионалӣ таъминоти кадрӣ дар савдои чакана нокифоя тавзеҳ дода шудааст.

2. Дар автореферат баъзе иштибоҳҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасад.

Бояд қайд карда, ки камбудиҳои зикр гардида хусусияти тавсиявӣ дошта, дар маҷмӯъ автореферати диссертатсияи Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевич дар мавзӯи хеле мубрам анҷом дода шудааст. Автореферати пешниҳодгардида ба талаботи муқаррароти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои дпрёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ рӯйи ихтисоси ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат арзанда мебошад.

**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**муовини ректор оид ба илм ва**
**инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Ризоқулов Т.Р.**

**Суроғаи донишгоҳ:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, 17 мкр., хонаи №1, тел.: (+992) 342223594, e-mail: t_rizokulov@mail.ru

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, професссор Ризоқулов Тӯрақул Рабимқуловичро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Мирпоччоев И.Х.